# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Каримзода Хуршед Сафомудин дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. (ш. Душанбе, 2025- 44 саҳ.).**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи диссертатсияи Каримзода Хуршед Сафомудин ба баррасии масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Бояд зикр намуд, ки дар марҳилаи кунунии рушди муносибатҳои асъорӣ диққати махсус ба амалишавии муомилоти асъорӣ муторбиқ ба талаботи муқаррар намудаи қонунгузорӣ дар ин бахш дода мешавад, ки ба таври васеъ дар ҳаёти имрӯзаи ҷомеа истифода мегарданд. Низоми густаришёбандаи муносибатҳои муомилотӣ низ аз бархӯрд бо мушкилотҳое, ки дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ба вуҷуд омадаанд, эмин намонд. Бо дарки аҳаммияти муҳимми муомилоти сарватҳои асъорӣ, ҷомеа ба тарзи дурусти амалишавии ин падида таваҷҷуҳи махсус медиҳад, ки қисми назарраси онро асосҳои ҳуқуқии муомилоти мадании сарватҳои асъори ташкил медиҳанд.

Рушди муносибатҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла муносибатҳо оид ба муомилоти сарватҳои асъорӣ зарурият ба вуҷуд меорад, ки сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ки назорати муомилоти асъорро амалӣ мекунанд, фаъолияти худро бо дигаргуниҳои бавуҷудомада мутобиқ гардонанд.

Вобаста ба ин, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ аз кирдорҳои ғайриқонунӣ, инчунин таъмини боэътимоди ҳуқуқҳои молу мулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки субъектони ҳуқуқэҷодкунанда ва

ҳуқуқтатбиққунанда ба шумор меравад. Ҳалли ин масъалаҳо бидуни истифодаи воситаҳои ҳуқуқӣ-маданӣ ғайриимкон аст.

Бо вуҷуди ин, дар қонунгузории асъорӣ баъзе камбудиҳо ҷой доранд, яъне қонунунгузории мазкур дарбаргирандаи на ҳамаи иштирокчиёни муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ мебошад, ки дурустии амалишавии муомилоти мадании сарватҳои асъориро мушкил месозад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи муқаррар намудани масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон мубрам ба ҳисоб меравад.

Навгониҳои таҳқиқот шубҳае ба вуҷуд намеорад, зеро дар он таҳқиқоти ҳамаҷонибаи масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муназзам бо таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории асъории давлатҳои хориҷӣ, таҳлили мафҳуми асъор ва сарватҳои асъорӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзуи номбурда, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Навовариҳои кори мазкур дар хулоса ва пешниҳодоте, ки муаллиф ба ҳимоя пешниҳод кардааст, ба таври возеҳ ифода ёфтаанд.

Аз андешаҳо ва хулосаҳои дигари дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур бо усули илмӣ ва таҳлили ҳаматарафаи масъалаҳо анҷом ёфтааст. Муаллиф тавонистааст, ки ба таври муфассал ва амиқ ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқии мадании вобаста ба муомилоти сарватҳои асъориро баррасӣ намуда, ба натиҷаҳои боэътимод ва асоснок даст ёбад. Ин тадқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас, дақиқ ва илмӣ метавонад ҳамчун манбаи боэътимоду судманд барои такмилу ғанӣ гардонидани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” дар самти масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти

сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Ҳамчунин, натиҷаҳои ин таҳқиқот метавонанд дар амалияи фаъолияти мақомоти судӣ ва дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои ҳуқуқӣ дар ин самт саҳми назаррас гузоранд.

Дар баробари тарафҳои мусбии таҳқиқот дар он баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар ҷараёни таҳлил се марҳилаи асосии рушди қонунгузории асъорро ҷудо намудааст:

– Солҳои 1991–1998 – марҳилаи ибтидоӣ, ки бо эҷоди нахустин меъёрҳои ҳуқуқӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва ташаккули механизмҳои асосии танзими асъорӣ тавсиф мешавад.

– Солҳои 1999–2012 – давраи таҳкими пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ, тавсеаи назорати давлатӣ бар амалиётҳои асъорӣ ва ҷорӣ кардани воситаҳои мониторинги молиявӣ.

– Аз соли 2013 то имрӯз – марҳилаи такмили қонунгузорӣ, ки ба мутобиқсозии низоми ҳуқуқии миллӣ ба шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ, рақамисозии равандҳои молиявӣ ва ҷорӣ кардани стандартҳои байналмилалии танзими асъорӣ нигаронида шудааст (саҳ. 7). Муаллиф дар кори худ мебоист аз қонунгузории даврони Шуравӣ, яъне пеш аз соли 1991 истифода менамуд, ки аз мадди назар дур мондааст.

Новобаста аз эродҳои қайдшуда, бояд таъкид кард, ки муаллиф таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додааст. Ин кор бо тарзи эҷодкорона таҳия шуда, масъалаи муҳимми ҳуқуқи маданиро ба таври амиқу дақиқ ҳал намудааст. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешрафти назариявӣ ва такмили амалии қонунгузории асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас дошта бошад. Таҳқиқоти диссертатсионии Каримзода Хуршед Сафомудин дар мавзуи

«Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
декани факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саъдиев И.З.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
н. Сино, к. Зарафшон м. 11, хонаи 5.
E-mail: Ismoil.s85, @mail.ru
Мобилӣ 555-58-55-52

Имзои Саъдиев И.З.,-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.

**Суроғаи муассиса:** 734003, ш. Душанбе, Саид Носир 33, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисто. Тел: 224-17-86, 224-83- 93 (факс), email: info@ipa.tj.

«05» 08 2025